# НАМУНАИ САВОЛУ МАСЪАЛАҲОИ КУШОДА БО ҶАВОБИ КӮТОҲ АЗ СУБТЕСТИ ТАЪРИХ

**1**




**Шаҳре, ки мақбараи Исмоили Сомонӣ дар он ҷойгир аст, дар харита бо кадом рақам ишора шудааст?**

**Ҷавоб:** 2

*Тарзи навиштани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо:* | | | | 2 |

**2**

**Воқеа кадом сол ба амал омада буд?**

*“Соли ... пеш аз милод дар назди шаҳри Ҳарррон байни лашкари Ашкониён ва Рум муҳориба ба амал омад,ки бо ғалабаи Ашкониён анҷом ёфт.”*

**Ҷавоб:** 53

*Тарзи навиштани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо:* | | | 5 | 3 |

**3**

**Воқеа кадом сол ба амал омада буд?**

*“Исмоили Сомонӣ ба муқобили бодиянишинон, ки мардуми Бухоро аз дасти онҳо ба дод омада буданд, лашкар кашида, ғалабаи комил ба даст даровард ва хони бодиянишинонро бо даҳ ҳазор аскар асир гирифт.”*

**Ҷавоб:** 893

*Тарзи навиштани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо:* | | 8 | 9 | 3 |

НАМУНА

## 4




**Шаҳре, ки соли 712 арабҳо онро забт намуданд, дар харита бо кадом рақам ишора шудааст?**

**Ҷавоб:** 2

*Тарзи навиштани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо:* | | | | 2 |

## 5

**Воқеаи зерин кадом сол ба амал омада буд?**
***"Корвон аз 450 амиру тоҷир – одамони бовариноки Чингиз иборат буд, ки онҳо дар ихтиёри худ 500 шутур тиллову нуқра, маснуоти абрешимии чинӣ ва пӯстҳои қиматбаҳо доштанд. Сарбозони Хоразм одамонро ба қатл расониданд ва молҳоро фурӯхта, пулашро ба хазинаи султон фиристоданд."***

**Ҷавоб:** 1218

*Тарзи навиштани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо:* |1|2|1|8|

## 6

**Ба ҷойи сенуқта санаи мувофиқро навишта матнро пурра кунед:**
***"3-юми октябри соли ... Ҷумҳурии Демократии Олмон ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон бо ҳам муттиҳид шуданд. Олмони ягона ташкил ёфт."***

**Ҷавоб:** 1990

*Тарзи навиштани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо:* |1|9|9|0|

НАМУНА